**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и**
**назди Донишгоҳи миллим Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғафforзода Илёсҷон Ғаффор дар мавзӯи «Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот.** Кӯдак, вазъи ҳуқуқии ӯ, нақши давлат дар танзими муносибатҳо бо иштироки кӯдакон, ҷавобгарии падару модар барои таълиму тарбияи фарзанд гурӯҳи асосии масъалаҳоеро ташкил медиҳанд, ки дар марҳилаи муосири рушд ба сифати проблемаи асосии ҳалталаб ва таъхирнопазир мебошанд.

Кӯдак субъекти муносибатҳои ҳуқуқи хусусӣ буда, вазъи ҳуқуқии он дорои хусусиятҳои зиёде мебошанд, ки тадқиқи гуногунпаҳлӯро талаб менамояд ва ҳамаи поблемаҳои ҷойдошта, дар доираи як рисола ба пуррагӣ ҳаллу фасли худро ёфтанашон имконнопазир мебошад. Аммо муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, масъалаҳои мубрами он мавриди тадқиқи илмӣ қарор гиранд. Муаллиф вазъи ҳуқуқии кӯдакро дар адабиёти ҳуқуқӣ тадқиқ намуда, иброз намудааст, ки асосан, вазъи ҳуқуқии кӯдак аз лиҳози ҳуқуқи оила баррасӣ гардида, дар доираи ҳуқуқи гражданӣ сухан дар бораи «ноболиғ» меравад. Ба андешаи ӯ номаълум боқӣ мондааст, ки оё кӯдак ва ноболиғ ҳамон як субъект мебошанд, ки вазъи ҳуқуқии гуногунро дороанд ё онҳо субъектони комилан гуногун мебошанд. Ба андешаи мо, консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак ягона буда,

дарки гуногуни он бинобар иштирок дар муомилот бо номҳои гуногун қобили қабул нест. Бояд дар тамоми қонунгузорӣ сухан дар борai «кӯдак» равад. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ низ мафҳуми мазкур истифода шудаанд.

Муомилоти муосири граждани низ талаб менамояд, ки нисбат ба вазъи ҳуқуқии кӯдак муносибати васеътар карда шавад. Масалан, имрӯз алоқаи мутақобилаи вазъи кӯдак дар қонунгузории граждани ва оилавӣ бебаҳс мебошад (масалан, шахсе, ки тибқи Кодекси оилаи ҶТ то 18-солагӣ акди никоҳ мебандад, тибқи Кодекси граждании ҶТ дорои қобилияти пурраи амалкунӣ мегардад; тибқи Кодекси граждании ҶТ эмансипатсия эълон шудан боиси тибқи Кодекси оилаи ҶТ қатъ гардидани уҳдадории алиментдиҳӣ мегардад ва ғайра).

Дар вазъи ҳуқуқии кӯдак дар қонунгузории граждани ва оилавӣ бисёр масъалаҳои ҳалталаб боқӣ мондааст. Масалан, вазъи ҳуқуқии кӯдаки таваллуднашуда, аҳдҳое, ки кӯдаки то 6-сола бастааст ва ғайра. Чунин ҳолат ба таври ҷиддӣ ва ногузир талаб менамояд, ки вазъи ҳуқуқии кӯдак дар соҳаи ҳуқуқи хусусӣ ба таври ҷиддӣ таҷдиди назар карда шавад. Бастани шартномаҳо бо истифодаи интернет (масалан, кӯдаке, ки ҳангоми бозӣ кардан тавассути интернет ин ё он барномаи компютериро боргирӣ мекунад ва бо шартҳои истифодаи барнома ризоят медиҳад), масъалаи дастрасӣ ба иттилоот, субъекти муносибатҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ будан ва ғайра муносибати махсус ва таҳлили амиқи илмиро талаб мекунанд.

Бо мубрам арзёбӣ гардидани самтҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии кӯдакон ҳамчун яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ он мавриди пажӯҳишу баррасии комил қарор нагирифтааст ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ низ дар ин бахш ҷой надоранд. Бо вуҷуди рӯи нашр омадани баъзе аз мақолаву монографияҳои илмӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, намояндагони риштаҳои мухталифи илмӣ вобаста ба мавзӯи таҳқиқотӣ онҳо натавонистаанд, ки паҳлуҳои гуногуни падидаи мазкурро аз нигоҳи илмӣ моҳиятан баррасӣ

ва ҳал намоянд. Сарфи назар аз мавҷудияти ҳаҷми зиёди маводи илмӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқҳои кӯдак ва зуҳуроти он дар институтҳои гуногуни ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ, дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқоти вазъи ҳуқуқии кӯдак дар шакли пурраву комил, ки масъалаҳои дарк ва мазмуни онро фаро гирад, ҷой надорад. Ҳамаи корҳои ба вазъи ҳуқуқии кӯдак бахшидашуда ҷузъӣ буда, барои тасаввуроти пурра оид ба тасвир бо иштироки субъекти мазкур дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ имкон намедиҳанд.

Аз ин рӯ, дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ бо дарназардошти таъсирҳои раванди ҷаҳонишавӣ ниёз ба таҳқиқи ҳамаҷонибаи падидаи мазкур аз нигоҳи ҳуқуқӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии мафҳум, хусусият ва роҳҳои ташаккули вазъи ҳуқуқии кӯдакро дар ҳамбастагӣ ва робита бо дастовардҳои арзиши миллӣ аз нигоҳи илмӣ дар рисола мубрам арзёбӣ гардидааст.

**Махсусан асосҳои методологии таҳқиқот** ба муаллиф имкон додаанд, ки бо истифодаи усули дарки диалектикӣ дар таҳқиқот таҳлили ҳаматарафаи объектҳои таҳқиқшаванда, инчунин муайян намудани робитаҳои сабабию оқибатии зуҳуроти таҳлилшударо дар робитаи ногусастанӣ арзёбӣ намояд, ҳамчунин усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, шабоҳат) ва махсуси дарки илмӣ – муқоисавию ҳуқуқӣ, низомию таҳлилӣ, таърихӣ, усули тафсири расмию мантиқӣ низ ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои баррасишаванда васеъ истифода шудаанд. Усулҳои зикршуда имкон доданд, ки хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусии алоҳида, инчунин проблемаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи оилаи Тоҷикистонро муайян ва нишон дода шаванд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмӣ - вазъи ҳуқуқии насли наврас бахшида шудааст.

Бояд зикр намоем, ки таҳқиқоти диссертатсионии Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор барои ҳалли мушкилоти зерин равона шудааст, ки мубрамияти онро бараъло нишон медиҳанд:

- дида баромадани инкишофи таърихии танзими ҳуқуқии вазъи кӯдак дар Тоҷикистони таърихӣ ва низомҳои пешрафтаи таърихӣ;

- равшанӣ андохтан ва дарки якхелаи мафҳумҳои ҳуқуқие, ки ба мавзӯи таҳқиқот иртибот дошта, дар қонунгузорӣ истифода мешаванд;

- муайян кардани моҳияти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои падидаи ҳуқуқҳои кӯдак;

- гузаронидани таснифоти ҳуқуқҳои кӯдак;

- муайян намудани ягонагӣ ва тафовути мафҳумҳои «кӯдак», «ноболиғ», «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак;

- тавсифи вазъи ҳуқуқии кӯдаке, ки ҳамзамон дорои вазъи падару модари кӯдак мебошад;

- таҳлил намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ;

- таҳлил кардани проблемаи амалигардонии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусии алоҳида ва ғайраҳо мебошанд.

Махсусан бояд қайд намуд, ки муаллиф ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз таҷрибаи судӣ хело васеъ бархурдор шудааст, ки он аҳамияти амалии корро мубрам арзёбӣ менамояд. Илова бар ин, муаллиф ҳамаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба масъалаи таҳқиқшаванда мавриди таҳлилу омузиш қарор дода, хулосабарориҳои дуруст намудааст, ки ҳамаи ин аз саҳми муаллиф дар ташаккул ва рушди илми муосири ҳуқуқшиносии ватанӣ шаҳодат медиҳад.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмил додани қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба вазъи ҳуқуқии кӯдак хело мубрам буда, аз дараҷаи баланди донишҳои назариявӣ ва таҳлили амиқи масъалаҳои баррасишавандаи муаллиф шаҳодат медиҳанд. Аз ҷумла, пешниҳоди

муаллиф оид ба кӯдак додани имконияти воқеии амалигардонии фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон дар давраи иқтисоди бозорӣ хело диққатҷалбкунанда мебошад. Дигар пешниҳодҳои муаллиф низ дар пешрафти илми ҳуқуқшиносии муосири Тоҷикистон мубрам буда, аз натиҷаи баланди таҳқиқоти гузаронидашуда, шаҳодат медиҳад.

Ҳолатҳое, ки мубрам будани диссертатсияи Ғаффорзода Илёсҷон Ғафforро собит месозанд, хело зиёд буда, бо омилҳои дар боло қайднамуда ба охир намерасанд. Тадқиқоти диссертатсионӣ бамаврид буда, дар он масъалаҳои муҳимми қаблан ҳалнагардидаи илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ гардида, аз нигоҳи муаллиф масъалаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар илми ҳуқуқшиносӣ, дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи судӣ арзёбӣ шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Дар ҳақиқат мавзӯи диссертатсияи Ғаффорзода И.Ғ., бо назардошти масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи гражданӣ интихоб гардида, бевосита аз ҷониби муаллиф дар доираи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) омода шудааст ва чунин шакли интихоби мавзӯъ ва баррасии масъалаҳое, ки муаллиф дар диссертатсия таҳқиқ намудааст бешубҳа метавон гуфт, ки ба ихтисоси интихобнамуда пурра ҷавобгӯаст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари гузориши масъалаи баррасишаванда, мавзӯи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли мушкилоти мавҷудаи **вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон** маҳсуб мегардад.

Маврид ба зикр аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур навгонии илмӣ ҳам аз тарзи гузоштани проблема ва ҳам аз роҳи ҳалли он таркиб ёфтааст, зеро дар илми ватании ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи

оилавӣ корҳое, ки таҳлили низомноки падидаи ҳуқуқии таҳқиқшавандаро фаро гиранд, мавҷуд нест. Дар доираи кори мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистикаи ватанӣ ҳуқуқҳои кӯдак аз нигоҳи илми ҳуқуқи граждани ва ҳуқуқи оила таҳлил гардидааст. Навгонӣ дар ченаки мураккаби сивилистӣ ва назариявӣ-эмпирикии вазъи ҳуқуқи кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад ва инчунин дар натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, ки оид ба мавҷуд будани як қатор проблема дар соҳаи муқаррароти қонунгузорӣ, татбиқи амалӣ ва дарки доктриналии ҳуқуқҳои кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Дар доираи рисолаи мазкур аввалин маротиба дар илми сивилистии ватанӣ масъалаҳои танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар ҳолати ретроспективӣ дар давраи шӯравии инкишофи ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо тафаккури миллии ҳуқуқӣ таҳлил мегардад.

Муаллиф дар рафти таҳлили ҳолати ҳуқуқии кӯдак мавқеи муаллифиро нисбат ба ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак, ки моҳияташ дар мураккабии ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак иборат буда, чунин ҳимоя ҳам аз тарафи падару модар (шахсони онҳоро ивазкунада)-и кӯдак, ҳам тавассути фаъолияти фарзандхондкунандагон, мақомоти васоят ва парасторӣ, инчунин дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор (прокуратура, суд ва ғайра) ва шаҳрвандон ҷиҳати ташкил ва риояи шароити мусоид барои тарбия ва ташаккули муназзами кӯдакон, ки вазифаи назариявиеро, ки дорои аҳамияти калон барои илми ҳуқуқи гражданӣ ва оилавии Тоҷикистон аст, муайян менамояд.

Дар диссертатсия ва автореферат Ғаффорзода И.Ғ., ба ҳимоя 19 нуктаҳои илмӣ ва 6 гурӯҳ **таклифҳоро вобаста ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он** пешниҳод намудааст, ки дар воқеъ навгонӣ ва барои илми ҳуқуқи гражданӣ нав буда, ба рушди падидаи мазкур мусоидат мекунанд. Дар умум метавон хулоса намуд, ки дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои

илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, ба талабот ҷавобгӯ буда, сазовори баҳои баланд мебошанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқи хусусӣ ва қонунгузорӣ мусоидат мекунанд. Ҷанбаҳои дигари мавзӯи диссертатсия барои рушди илмҳои дигари соҳавии ҳуқуқшиносӣ аҳамияти муҳим доранд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои қонунгузорӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди илми ҳуқуқи хусусӣ мусоидат карда, сабаби такмили чандин падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ мегарданд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи хубе ба ҳисоб мераванд. Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд.

Дар **муқаддима** муаллиф мубрамияти мавзӯи таҳқиқотро асоснок намуда, атрофи мавзӯъ, объект, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия мавқеъгирӣ менамояд. Ҳамчунин дар ин қисмати рисола

натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба тасвиб расидаанд.

Боби якуми диссертатсия - « **Заминаҳои таърихӣ ва зеҳнии пайдоиши консепсияи вазъи ҳуқуқии кӯдак»** номгузорӣ гардидааст, ки бешак ба мавзӯи рисолаи илмӣ мутобиқ мебошад.

Дар зебоби якуми боби якум – **«Ҳуқуқи римӣ ва ҳуқуқи кӯдак. Таҷрибаи таърих барои қонунгузории муосир»** заминаҳои таърихии ташаккули консепсияи ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузорӣ ва сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба ақидаи муаллиф баррасии ҳуқуқҳои кӯдак дар доираи ҳуқуқи римӣ яке аз лаҳзаҳои қобили таваҷҷуҳ барои илми ҳуқуқӣ мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар тамоми низомҳои ҳуқуқии таърихӣ ҳолати ҳуқуқии кӯдак бевосита бо вазъи акди никоҳ ва ҳолати ҳуқуқии оила вобаста буд. Таъсири ин «қолаб» то ба ҳол ҷой дошта, баррасии вазъи ҳуқуқии кӯдак бояд дар алоқамандии мутақобила баррасӣ карда шавад. Гузашта аз он, бинобар ҷой доштани қолабҳои гендерӣ вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ҳолати ҳуқуқии модар тафовут дошт. Муносибатҳои оилавии модару кӯдак дар доираи ҳуқуқи римӣ асосан бо ҳокимияти падарсолорӣ танзим мешуданд, ки баъдан бо гузашти айём ва рушди ҳуқуқшиносӣ тағйир ёфтааст.

Дар зербоби дуюми боби якуми диссертатсия – **«Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар ҳуқуқи зардуштия ва мусулмонӣ»** диссертант қайд намудааст, ки дар Тоҷикистони таърихӣ низоми ҳуқуқии зардуштия ва мусулмонӣ роиҷ буда, дар ин давра вазъи ҳуқуқии кӯдак маҳз аз расму ойини динӣ вобаста будааст. Мисли дигар низомҳои ҳуқуқии қадимӣ дар дини зардуштия низ асосан вазъи ҳуқуқии кӯдак дар иртибот бо ғамхорӣ нисбат ба кӯдак дар маҷмӯъ зоҳир мегардад. Паҳлуи дигари қобили таваҷҷуҳ он аст, ки нисбат ба кӯдакони бе парастории падару модар монда ғамхорӣ бештар зоҳир мешудааст, зеро ин кори хайр дониста мешуд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф муайян намудааст, ки новобаста ба

он ки меъёрҳои ҳуқуқии зардуштия хислати динӣ доштанд, дар тафовут аз ҳуқуқи римӣ дар он ҳуқуқҳои инсон сарфи назар аз баромади этникӣ, шаҳрвандӣ, ҷинс, мансубияти динӣ, синну сол ва ғайра бештар инъикосу мустаҳкам шудаанд. Нуктаи муҳим зикр шудааст, ки дар ҳуқуқи зардуштия танзими рафтор фақат бо меъёри манъкунанда маҳдуд намешуд. Барои таъмини амалигардии дурусти меъёрҳо муқарраротӣ мусоидаткунанда низ ҷой дошт. Ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакони ноболиғ дар ҳуқуқи оилавии зардуштия дар падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, аз ҷумла тавассути фарзандхондии кӯдакони ятим, инчунин таҳти васоят ва парасторӣ гирифтан, ифода ёфтааст. Ҳамсарон дар баробари дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарӣ будан, ҳамчун падару модар низ баромад мекардаанд ва зардуштия зарурати зоҳир намудани ғамхориро нисбат ба кӯдакони ноболиғ таъкид менамудааст.

Бо паҳн шудани дини Ислом дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ тадриҷан меъёрҳои шариат ҷорӣ гардидааст. Баромади (асли) кӯдакон аз падару модар ҳолати ҳуқуқие диниста мешудааст, ки дар асоси он муносибати ҳуқуқии байни падару модар ва фарзандон ба миён меомаданд. Муҳимияти муқаррар кардани баромади (асли) кӯдакон дар он аст, ки маҳз ба туфайли он кӯдак ҳуқуқ ба ном (ва номи падари худ), ҳуқуқ ба меросгирӣ аз падару модари худ, ҳуқуқ ба таъминот, ҳуқуқ ба васоят, ҳуқуқ ба тарбия ва дигар ҳуқуқҳоро ба даст меорад. Асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии падару модарӣ ин пайдоиши фарзандон аз падару модар бо тартиби муқарраркардаи қонун мебошад. Муаллиф чунин мешуморад, ки барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон дар қонунгузории муосир ва меъёрҳои динӣ тарзу усулҳои гуногун мавриди корбурд қарор доранд.

Дар доираи зербоби сеюми боби якум – «**Танзими ҳуқуқҳои кӯдак дар марҳилаи шӯравии рушди ҳуқуқи Тоҷикистон ва таносуби он бо зеҳнияти миллии ҳуқуқӣ**» масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои кӯдак дар замони шӯравӣ мавриди тадқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллиф дуруст қайд намудааст, ки вазъи ҳуқуқии кӯдакон дар

давронии шӯравӣ диққати хосро талаб менамудааст, зеро тағйироти сотсиалистӣ дар давлат ба муносибатҳои оилавӣ таъсир расонида, дар тарбияи кӯдакон инъикос меёфтааст. Дар ин ҷода, аз як тараф, сиёсати пешгирифтаи давлат, ки дар қонунгузории он замон дарҷ гардида буд ва аз тарафи дигар мавқеи олимон нисбат ба масъалаи оила ва кӯдак мутаносиб набуда, паҳлуҳои алоҳидаи он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Новобаста ба ин меъёрҳои зиёде дар қонунгузорӣ пайдо шуданд, ки баҳри мустаҳкамии оила ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак равона гардидаанд. Ҳуқуқҳои кӯдакони дар никоҳ таваллудшуда ва кӯдакони берун аз никоҳ таваллудшудагон нисбати падару модар ва хешовандони онҳо пурра баробар карда шуда буд. Васоят хусусияти оммавӣ пайдо карда, васӣ будан масъулияти фахрӣ ба ҳисоб рафта, васоят ҳамчун мансаб шуморида мешуд, ки ӯро мақомоти васоят ва парасторӣ таъин мекардааст. Муқаррар намудании падарии кӯдаки дар ғайриникоҳ таваллудшуда аз тарафи модар бидуни ягон далелу исбот ба роҳ монда шуда буд. Муаллиф чунин ақида дорад, ки ин, яз як тараф кафолати ҳуқуқи кӯдак буда, аз тарафи дигар, баръакс, заминаи хатарнок барои поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакан шуда метавонист.

Дар натиҷаи таҳлили ин масъалаҳо муаллиф дар ин давраи таърихӣ хулосабарорӣ намудааст, ки кӯдак аз объекти ҳокимияти падару модар ба объекти сиёсати давлатӣ «табдил» ёфта, бинобар ин кӯшишҳои таъсиси ҳуқуқи кӯдак, ки дар он кӯдак субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ бошад, натиҷаи дилхоҳ надодааст.

Дар зербоби чоруми боби якум **«Таносуби категорияҳои «кӯдак», «ноболиғ» ва «хурдсол» дар консепсияи ҳуқуқҳои кӯдак»** мушкилоти муайянсозии мафҳумҳо дар қонунгузории Тоҷикистон бобати мафҳуми «кӯдак» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар доираи ин зербоб муаллиф қайд намудааст, ки дар қонунгузории ҶТ имрӯз мафҳумҳои зиёде дар иртибот бо истилоҳи «кӯдак» истифода мешаванд, ки фарогири якдигар ва ё ба якдигар хеле

наздик мебошанд. Масалан, мафҳумҳои «кӯдак», «фарзанд», «ноболиғ», «кӯдаки ноболиғ», «наврас», «навзод», «ҷавон» ва ғайра.

Дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки маҳаки ноболиғ эътироф намудани шахс ин синну сол мебошад. Яъне, шахси аз ҳаждаҳсола хурд ноболиғ дониста мешавад. Маъмулан дар адабиёти ҳуқуқӣ зимни истифодаи мафҳуми ноболиғ маъное дар назар дошта мешавад, ки тибқи он таҳти ин мафҳум шахсе эътироф мегардад, ки ба синну соли муайяне, ки бо фарорасии он қонун қобилияти пурраи амалкунии ӯро муқаррар мекунад, нарасидааст. Маънои дигар мафҳумҳо низ таҳлил шуда, дар қиёс бо мафҳуми «кӯдак» арзёбӣ гардидаанд.

Ба ақидаи муаллиф мафҳуми «кӯдак» мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Зимнан мафҳуми мазкур тобеияти соҳавӣ надошта, истифодаи он яксон дар ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳатто соҳаҳои ҳуқуқи оммавӣ – ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва ғайра низ ҷоиз аст.

Муаллиф боби дуюми рисолаи илмии худро **«Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ»** номгузорӣ кардааст, ки зербобҳои зеринро фаро мегирад: зербоби якум - **«Вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ»**; зербоби дуюм - **«Вазъи ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ»;** зербоби сеюм - **«Мушкилоти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон»;** зербоби чорум - **«Амсилаи ҳуқуқии ғамхории иҷтимоӣ ва ҳуқуқҳои кӯдак: мушкилоти ҳамоҳангии манфиатҳои ҳуқуқии хусусӣ ва ҳуқуқии оммавӣ»**; зербоби панҷум - **«Хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқии кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ».** Яъне дар маҷмӯъ боби дуюми рисола фарогири панҷ зербоб буда, дар онҳо муҳимтарин масъалаҳо мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд.

Дар ин боб муаллиф кӯдаконро ба ҷумлаи субъектҳои махсуси муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дохил намудааст, ки чораҳои махсуси

ҳимояviro талаб мекунад, зеро бинобар синну сол ва хусусияти равонӣ онҳо наметавонанд мустақилона манфиатҳои худро ҳимоя намоянд. Ба андешаи муаллиф дар иртибот бо ин меъёрҳои қонунгузории гражданӣ бояд ин хусусиятро ба инобат гиранд ва ҳуқуқу озодиҳои ин гурӯҳи субъектҳоро ҳифз кунанд. Дар ин ҳолат мақомоти васояту парасторӣ ба сифати кафили риояи ҳуқуқу озодиҳои ноболиғон баромад мекунанд.

Сипас муаллиф мушкилоти вазъи ҳуқуқии ҷанин, намудҳои қобилияти амалкунӣ, эмансипатсия ва ғайраро дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ баррасӣ намудааст, ин масъалаҳо то ҳол дар илми ҳуқуқшиносӣ мавқеи муайяни худро наёфтаанд ва ӯ кӯшиш намудааст, ки роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

Дар рисолаи илмӣ муаллиф **«Проблемаҳои амалигардии ҳуқуқу уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқии хусусӣ»**-ро дар доираи боби сеюм баррасӣ намудааст. Боби мазкур аз чор зербоб иборат мебошад. Зимни баррасии зербоби якуми боби сеюм **«Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдак дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ»** - масъалаҳои ҳалталаби ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдакро дар ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ фаро гирифта, дар доираи он муаллиф диққатро ба намудҳои алоҳидаи он додааст. Дар ин қисми рисола (саҳ. 201-221) муаллиф дуруст дарҷ мекунад, ки дар баробари фардисозии кӯдак ин ҳуқуқҳо имкон медиҳанд, ки таълиму тарбияи кӯдак ва ташаккули рӯҳию ахлоқии ӯ дуруст ба роҳ монда шавад. Бо ҳамин сабаб барои эътирофи субъекти мустақили ҳуқуқ будани кӯдак мавҷудияти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ муҳим мебошанд.

Маврид ба зикр аст, ки зербоби дуюми боби сеюм **«Кӯдак ҳамчун субъекти ҳуқуқҳои ашёӣ ва манзилӣ»** номгузорӣ гардида, дар доираи он муаллиф муайян кардааст, ки дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ то ба ҳол табиати баъзе ҳуқуқҳои молумулкии кӯдак то ба охир ҳалли худро наёфтааст. Таҳлили масъалаи иштироки кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии ашёӣ нишон дод, ки танзими дақиқи вазъи ӯ дар қонунгузорӣ

ҷой надорад.

Паҳлуи муҳими ҳуқуқи ашёии кӯдак ин ҳуқуқи манзилии ӯ мебошад. Қонунгузорӣ дар маҷмӯъ ҳуқуқҳои манзилии кӯдакро мустаҳкам намуда, дар онҳо тамоюли эътирофи ин ҳуқуқҳо чун ҳуқуқҳои табиӣ ва бегонанашаванда мушоҳида мешавад, ки ба кӯдак аз лаҳзаи таваллуд мансуб буда, замина ва кафолати муҳими амалишавии дигар ҳуқуқҳои кӯдак мебошанд. Метавон тасдиқ намуд, ки қонунгузории Тоҷикистон бапуррагӣ ба Конститутсияи ҶТ, Конвенсия СММ оид ба ҳуқуқҳои кӯдак ва дигар санадҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошад. Дар баробари ин қонунгузории Тоҷикистон дорои як қатор нуқсонҳо ва нодақиқии матн мебошад, ки метавонад барои амалишавии ҳуқуқҳои манзилии кӯдак дар ҳолатҳои алоҳида душворӣ эҷод намояд. Дар чунин ҳолатҳо татбиққунандагони ҳуқуқ ба дилемма дучор мешаванд – аз як тараф, манфиати кӯдак меистад, аз тарафи дигар – манфиати молик. Бинобар ин такмили қонунгузорӣ дар ин ҷода амали муҳим ва зарурӣ буда, аз ҷониби диссертант як қатор таклифҳо манзур гардидааст.

Дар доираи зербоби сеюми боби сеюм **«Ҳуқуқу уҳдадориҳои алиментии кӯдак»** тадқиқи густурдаи муносибатҳои алиментӣ сурат гирифтааст. Зимни тадқиқот диссертант муайян намудааст, ки мантиқи қонунгузор зимни муайян намудани хусусиятҳои алиментдиҳии падару модар нисбат ба категорияхои гуногуни алиментгирандагон пайдарҳамӣ надорад.

Кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ҳамчун алиментгиранда ва алиментдиҳанда баромад мекунад. Бо мақсади таъмини пайдарҳамии мантиқӣ ва кафолати иловагӣ таклиф шудааст, ки тамоми уҳдадориҳои алиментдиҳиро бояд ба ду гурӯҳ ҷудо шавад: - уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба кӯдакон; - уҳдадориҳои алиментдиҳӣ нисбат ба болиғон.

**«Ҳуқуқу уҳдадориҳои кӯдак дар муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ»** - зербоби чорум буда, аз рӯи қоидаи умумӣ кӯдак ба сифати ҳам меросгузор ва ҳам ворис баромад карда метавонад.

Ба сифати меросгузор баромад намудани кӯдак вобаста ба шакли мушаххас (ҳамчун шахси фавтида ва ё ҳамчун васиятгар) баҳснок мебошад. Баҳснокии масъала маҳз дар он зоҳир мегардад, ки надоштани ҳуқуқи васиятгузории кӯдаки аз 14 то 18-сола дар КГ ҶТ бевосита пешбинӣ нашудааст. Баръакс, аз мазмуни КГ ҶТ доштани чунин ҳуқуқи кӯдакро ошкор сохтан мумкин аст.

Боби чорум «**Проблемаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак**» аз ду зербоб иборат буда, ба масъалаҳои мубрами ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак бахшида шудааст.

Зимни баррасии зербоби якуми он – «**Восита ва механизмҳои ҳуқуқии граждани ва оилавии ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак**» муаллиф қайд намудааст, ки восита ва механизмҳои ҳуқуқии гражданӣ ва оилавӣ, ки ба ҳимояи ҳуқуқу манфитаҳои кӯдак равона шудаанд, кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак мебошанд.

Хусусияти амалигардонии мустақилонаи ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя дар он аст, ки он танҳо нисбат ба падару модар истифода шуда, ба мақомоти васояту парасторӣ новобаста ба синну сол ва ба мақомоти судӣ танҳо пас аз расидан ба синни чордаҳсолагӣ муроҷиат карда метавонад.

Муаллиф қайд кардааст, ки маҳз ба туфайли дар сатҳи баланди доктриналӣ коркарди низоми мавҷуда имкон додааст, ки дар низоми ҳуқуқи Тоҷикистон институти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дуруст ҷорӣ гардида, бисёр мушкилоти ҷомеаи имрӯзаи мо ба таври ноаён ҳал шуда истодааст. Тағйир додани ин низом, такмили он бояд мураттабу муназзам ва аз ҷониби мутахассис сурат гирад, вагарна ин ба тартиботи ташаккулёфта таъсири манфии ноаён низ расонида метавонад.

Дар доираи зербоби дуюми боби чорум «**Нақши мақомоти васояту парасторӣ дар ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак**» муаллиф таърихи ташаккул ва рушди институти васоят ва парасториро тадқиқ намуда, нақши калони онро дар таъмини ҳуқуқҳои кӯдак исбот намудааст.

Падидаи васоят ва парасторӣ падидаи мураккаби ҳуқуқӣ буда, ҷузъи таъминоти иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Онро аз нигоҳи ҳуқуқи

конститутсионӣ, маъмурӣ, гражданӣ ва оилавӣ тавсиф намудан мумкин аст. Вале дар ҳар сурат унсурҳои асосии муайянсозандаи табиати он баҳснок боқӣ мемонанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ифода гардидааст, ҷанбаҳои назариявӣ бозгӯӣ шудаанд ва як қатор пешниҳодҳо бобати такмили қонунгузорӣ ироа гардидааст.

Дар маҷмӯъ хулоса намудан мумкин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии алоҳида дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла, аксарияти ҷанбаҳои ҳуқуқи кӯдак, ки танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Ҳарчанд баъзе таҳқиқотҳо дар шакли мақола, маърӯза ва дигар навъи пажӯҳишҳо рӯйи кор омада бошанд ҳам, аммо дар онҳо таҳқиқи амиқ ва комплексии масъала ҷой надорад. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин холигӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст. Аз ин рӯ, аз нигоҳи илмӣ-назариявӣ таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ба ҳисоб меравад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбати рисола дар он баъзе масъалаҳои баҳснок ва аз назари илмӣ далелҳои иловагӣ талабкунанда, ба мушоҳида мерасанд. Аз ҷумла:**

1. Муаллиф дар диссертатсия категорияи қобилияти субъекти ҳуқуқ будан дар адабиёти ҳуқуқиро мавриди омузиш ва таҳлил қарор дода, қайд менмояд, ки хусусияти иштироки ноболиғон дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ аз хусусияти қобилияти амалкунии онҳо вобаста аст. Дар ин асос ҳамчунин хулоса карда мешавад, ки ноболиғ чун дигар шахси воқеӣ дорои қобилияти субъекти ҳуқуқ будан мебошад, яъне субъекти муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ.

Қобилияти субъекти ҳуқуқи гражданӣ будан аз ду қобилияти мустақил вобаста мебошад – қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ ва қобилияти амалкунии гражданӣ. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ аслан аз ҷониби қонунгузор муқаррар ва пешниҳод карда мешаванд. Он

«зуҳуроти бо қонун муайянкардаи бегонанашаванда ва маҳдуднашаванда» мебошад. Агар қобилияти амалкунӣ қобилияти ҳуқуқӣ (расмӣ) намебуд, пас қонунгузор наметавонист онро ба субъектон пешниҳод кунад ва ё чунин қобилиятро эътироф намояд. Дар акси ҳол он ҳамчун қобилияти табиӣ ва равонӣ новобаста аз иродаи қонунгузор ҷой дошта, объективона арзи вуҷуд мекард.

Аммо муаллиф бо чунин тартиби масъалагузорӣ маҳдуд шуда, масъалагузорӣ наменамояд, ки қобилияти ҳуқуқдории кӯдаки таваллуднашуда аз ҷониби қонунгузор бояд чигуна бошад, гарчанде муаллиф дар рисола ин масъаларо чандин маротиба мавриди таҳлилу омузиш қарор додааст. дар ин ҷо мавқеи муаллиф оид ба ин масъала то ба охир норавшан боқи мондааст.

2. Муаллиф ба сифати меросгузор баромад намудани кӯдакро вобаста ба шакли мушаххас (ҳамчун шахси фавтида ва ё ҳамчун васиятгар) баҳснок арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки мувофиқи қисми 1 моддаи 1150 КГ ҶТ васиятнома иродаи ихтиёрии шаҳрванд оид ба ихтиёрдории ҳуқуқи амволии ба ӯ дахлдошта ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқи ғайриамволӣ ҳангоми вафот кардан эътироф мешавад, ки ба тарзи зарурӣ ба расмият дароварда шудааст. Мушаххасоти масъала дар бандҳои 141 ва 142 Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тибқи он нотариусҳо васиятномаро ҳамчун иродаи шахси қобили амал оид ба ихтиёрдории молу мулк ё ҳуқуқҳои ғайримолумулкии ба ӯ тааллуқдошта ҳангоми вафот, ки бо талаботи пешбиникардаи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст, тасдиқ мекунанд ва зимни тасдиқ кардани васиятнома нотариус бояд шахсияти васияткунандаро тафтиш намояд ва ба қобили амал будани ӯ боварӣ ҳосил кунад. Зимнан зери мафҳуми қобили амал будани шаҳрванд тибқи банди 43 Дастурамали мазкур маҳз дорои қобилияти

пурраи амалкунӣ будани ӯ (моддаи 22 КГ ҶТ) фаҳмида мешавад. Пас, аз муқаррароти Дастурамали мазкур бармеояд, ки ҳуқуқи васиятгузориро кӯдак дар ҳолате дорад, ки агар то синни ҳаждаҳ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории оилавӣ ақди никоҳ бандад (моддаи 22 КГ ҶТ) ва ё дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон гардад (моддаи 28 КГ ҶТ).

Баҳснокии масъала маҳз дар он зоҳир мегардад, ки надоштани ҳуқуқи васиятгузории кӯдаки аз 14 то 18-сола дар КГ ҶТ бевосита пешбинӣ нашудааст. Баръакс, аз мазмуни КГ ҶТ доштани чунин ҳуқуқи кӯдакро ошкор сохтан мумкин аст, масалан, тибқи банди «а» қисми 2 моддаи 27 КГ ҶТ кӯдак метавонад музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намояд. Аз ин ҷо баъзе муаллифон чунин мешуморанд, ки ноболиғ ҳуқуқи васиятгузориро дорад (саҳ. 257-259 дисс.).

Дар натиҷа муаллиф баъд аз омузиши ақидаҳои гуногуни олимон ва муқарароти қонунгузорӣ ба хулоса меояд, ки вақте кӯдак ҳуқуқи ихтирёдории молу мулкро дорад (дар ҳаҷми маҳдуд бошад ҳам), мувофиқан ӯ бояд ҳуқуқи васиятгузориро дошта бошад. Муаллиф ин ақидаи худро тақвият бахшида, иброз менамояд, ки як масъала дақиқан равшан аст – КГ ҶТ ҳуқуқи васиятгузории кӯдакро маҳдуд накардааст. Аз ин рӯ, то кадом дараҷа мувофиқ ба КГ ҶТ будани Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд арзёбӣ гардад (саҳ. 260-263 дисс.).

Ба андешаи мо ин хулосабарориҳо ва пешниҳодҳои муаллиф қобили дастгирианд, аммо онҳо баҳснок буда, омузиш ва таҳқиқоти иловагиро талаб менамоянд. Муаллиф оид ба ин масъала бояд дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи қонунгузориҳои дигар давлатҳоро мавриди таҳқиқот қарор медод ва баъд натиҷагирӣ менамуд хубтар мешуд. Чунки ин масъала дар адабиёти ҳуқуқӣ мавриди баҳс қарор гирифта, то ҳол ягон ақида ҷойи назаррасро ишғол

накардааст.

3. Муаллиф қайд менамояд, ки ҳуқуқи граждани соҳаи марказии ҳуқуқи хусусӣ буда, барои танзими он муносибатҳое ҷалб шудаанд, ки ба баробарии тарафҳо, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокчиёнашон асос ёфтаанд. Мувофиқан механизмҳои ҳуқуқи гражданӣ барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, аз ҷумла ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак васеъ истифода шуда, самаранокии ҳифз аз он вобастагии калон дорад. Бо ҳамин сабаб воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳо вобаста ба таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак ҷойи худро дошта, таҳлили илмии он ва, умуман, дар чунин шакл масъалагузорӣ то ҳол дар адабиёти ҳуқуқӣ мушоҳида намешавад. Амалан истифодаи маҳз воситаҳои ҳуқуқии гражданӣ имконият медиҳад, ки ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак ба пуррагӣ ҳимоя гардида, кӯдак ҳамчун субъект эътироф карда шавад.

Ӯ масъалаи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдаки дар батни модар, лаҳзаи пайдоиши қобилияти ҳуқуқдории кӯдак ва умуман вазъи ҳуқуқии кӯдакро ба таври хеле васеъ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки дар масъалаи қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ будани кӯдак ақидаи Малеина М.Н.-ро дастгирӣ менамояд (саҳ. 263 дисс.).

Мо бо ин мавқеи муаллиф пурра розӣ шуда наметавонем, чунки масъалаи қобилияти субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ будани кӯдаки таваллуднашуда, аз ҷониби чи олимони ватанӣ ва чи олимони дигар давлатҳо ба пуррагӣ мавриди омузиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, дар муқаррароти қонунгузориҳои давлатҳо низ ҷой доранд. Масалан, ҳангоми гирифтани мерос кӯдаки таваллуднашуда тибқи қонунгузорӣ (КГ ҶТ) ҳуқуқ ба меросро дорад.

4. Дар навгонии 5 муаллиф масъалаҳои марбут ба таносуби мафҳумҳоро тадқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки мафҳумҳои «кӯдак»

ва «ноболиғ» ҳаммаъно мебошанд, ба шарте сухан дар бораи вазъи умумии ҳуқуқи кӯдак равад. Агар зарурат ба мушаххасгардонӣ ва маънидоди мазмуни меъёрҳои алоҳида равад, чунин мавқеъгирӣ ғалат аст. Муаллиф асоснок менамояд, ки мафҳуми «кӯдак» мафҳуми умумии ифодакунандаи аломатҳои универсалӣ мебошад ва нисбат ба ҳама шахсоне татбиқ мегардад, ки ба синни 18 нарасидаанд. Пас ӯ, мафҳумҳои «ноболиғ», «хурдсол», «наврас»-ро бо мафҳуми умумии «кӯдак» фаро гирифта, муносибати дуруст арзёбии маҷмӯи масъала медонад, вагарна ба андешаи ӯ вазъи ҳуқуқии кӯдак нопурра ва номуайян боқӣ мемонад, ки ақида қобили дастгтрист (саҳ. 15 дисс.).

Аммо муаллиф ба ин ақидаи худ то ба охир устувор нест. Масалан, дар пешниҳодҳои муаллиф вобаста ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалияи татбиқи он ба қисми 1 моддаи 28 КГ ҶТ истилоҳи «ноболиғ»-ро истифода менамояд.

Камбудӣ ва норасоиҳое, ки дар боло қайд шуданд, дар умум ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайнкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хело муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва Ғаффорзода И.Ғ дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири назарияи ҳуқуқ саҳми сазовори худро гузорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд

**Чоп намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Интишороти илмӣ ва автореферати Ғаффорзода И.Ғ., ба матни таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мувофиқ мебошанд. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ дар конференсия ва семинарҳои сатҳи гуногун маърӯза шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 3 монография, 19 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 17 мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд. Хулоса, натиҷа ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

Авторефреат дар умум мазмуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Ғаффорзода И.Ғ., ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Зеро ҳангоми баррасии матни диссертатсия ва автореферат маълум гардид, ки ба талаботи мукарраргардида пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илмӣ ҳуқуқшиносӣ ва конунгузорӣ аҳамият доранд.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳодиссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Тавре маълум гардид Ғаффорзода И.Ғ., ба ҳайси номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад. Чунин фаъолияти унвонҷӯ гувоҳи он аст, ки мутобиқати тахассуси илмии Ғаффорзода И.Ғ., барои дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ҷавобгӯ буда, ҳамзамон робитаи кор бо ихтисоси мазкур мувофиқ аст. Яъне таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи фасли V «Такмилёбии предмети танзими ҳуқуқии гражданӣ: проблемаҳои назариявӣ ва амалиявӣ», ки мавзӯи фаъолияти илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Масъалаҳои асосии мавзӯи ҳуқуқи гражданӣ» барои солҳои 2016-2020 мебошад, анҷом дода шудааст.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия ва афтореферат хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Ғаффорзода И.Ғ., пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки чандин падидаҳо ва паҳлуҳои мухимми илми ҳуқуқи хусусӣ такмил ёбанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи хусусии римӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар умум Ғаффорзода Илёсҷон Ғаффор сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад. Бояд иброз намуд, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 74-75-и «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 қабул шудааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

**Мудири шӯъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Суроға:**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, х. Рудаки, 33,**
**тел.: (+992 37) 221-56-89).**

**«Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шӯъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Кучарова Б.Д.**